Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-079-и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзуи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзуи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва пешниҳодҳои муаллиф иборат мебошад.

Дар шароити дигаргуншавии фазои иттилоотӣ ва иртиботӣ ва то рафт печидатар шудани равандҳои сиёсӣ дар ҷараёни ҳаёти муосири ҷомеа ва ҳокимият, аз лиҳози шакли зоҳирӣ ва мазмуну мухтавои ботинӣ пешниҳод намудани методҳои нав дар доираи муносибатҳои сиёсию иҷтимоӣ, ки мутаносиб бо фазои мазкур бошанд, зарурати ҷиддӣ ва ногузир ба шумор меравад. Дар раванди идоракунии сиёсӣ арзиши гуманистии муносибатҳои иттилоотию коммуникатсионӣ боз ҳам афзоиш ёфта, ин раванд боиси на танҳо эҷоди муносибатҳои нави ҷамъиятӣ мегардад, балки шароити нав, имкониятҳои муосири рушди ҷамъиятиро низ ба вуҷуд меоварад. Автореферати диссертатсияи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзӯи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа» паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо мавриди баррасии илмӣ қарор додааст.

Дар автореферати мазкур, ки аз матни диссертатсия баромадааст, масъалаи нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар раванди идоракунии сиёсии ҷомеа чунин таҳлил шудааст, ки дар солҳои охир ба низоми фаъолияти сиёсии байни ҷомеа ва элитаҳои сиёсӣ ворид шудани абзорҳои муосири иртиботӣ, хусусан шабакаҳои иҷтимоӣ, боиси ба вуҷуд омадани дигаргуниҳои амиқ дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятии баъзе аз кишварҳои олам шудааст, ки аксар вақт таъсирашон ҳудудҳои миллиро бидуни ҳеч монеае убур менамояд.

Ба назари диссертант намунаи возеҳи ин андеша раванди баргузории интихобот дар баъзе аз кишварҳо, аз ҷумла ИМА мебошад, ки дар чигунагии натиҷаҳои он унсурҳои иттилоотӣ, иртиботӣ ва интернетӣ нақши муассир мебозанд. Яъне фазои интернетии муоширати сиёсӣ дар шароити муосир чунин имкониятеро фароҳам овардааст, ки истифодаи мақсадноки он боиси ба манфиати ин ва ё он гурӯҳҳо, ҳизбҳо ва ташкилотҳои сиёсӣ анҷом ёфтани муборизаҳои сиёсӣ ва машруияти комил пайдо намудани неруи муайяни сиёсӣ зимни идораи давлат гардад. Чунин ҳолат, агар аз як ҷиҳат бартарии имкониятҳои воситаҳои муоширати сиёсиро дар шароити имрӯза ба намоиш гузорад, аз тарафи дигар,

тадриҷан эътимодро оид ба холисии фанноварихои иттилоотии муосир дар идоракунии ҳаёти сиёсии ҷомеа коҳиш медиҳад.

Ҷобиров И.Ф. чунин бовар дорад, ки паёмади ин гуна дигаргуниҳо вобаста ба суръату дараҷаи таваҷҷуҳи ҷомеа агар дар як маврид боиси коркарди дидҳои нав оид ба таҳкиму суботи сиёсӣ гардад, аммо дар мавридҳои дигар шикасту ноустувории низомҳои сиёсиро ба дунбол доштааст. Махсусан давоми беш аз ду даҳсолаи охир таъсири воситаҳои иттилоотӣ дар шаклгирии вазъи сиёсии кишварҳои олам хеле зиёд эҳсос мешавад. Инро дар мисоли ҳаводиси «Баҳори араб» ва инқилобҳои рангае, ки солҳои охир боиси сар задани ноороми дар як қатор кишварҳо шуданд, дидан мумкин аст.

Муваффақиятҳои кори илмии мазкур нисбат ба норасоиҳои он бештар ба чашм мерасад. Дастёбии муаллиф ба ин муваффақиятҳо пеш аз хама ба сохтор ва чаҳорчубаи мантиқию илмӣ ва интихоби муносиби номи мавзӯи он мебошад, ки дар ин сатҳ иҷро намудани он на ба ҳар муҳаққиқ муяссар мегардад.

Мазмуну муҳтавои кори илмӣ ва тартиби илмию мантиқии автореферати диссертатсия дар сохтор ва тавсифи умумии он инъикоси худро пайдо кардааст, ки аз мавридҳои зерин иборат мебошанд:

**Боби I. Асосҳои назариявӣ ва методологии алоқамандии коммуникатсияи сиёсӣ ва идоракунии сиёсӣ**

Зербоби якуми боби аввал: Равишҳои назариявӣ ва методологии таҳлили баҳамалоқамандии коммуникатсияи сиёсӣ ва идоракунии сиёсии ҷомеа

Зербоби дуюми боби аввал:Тамоюли тағйирёбии нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеаи муосир

**Боби II. Шакл ва усулҳои амалишавии коммуникатсияи сиёсӣ дар шароити муосири идоракунии сиёсӣ**

Зербоби якуми боби дуюм: Истифодаи технологияҳои муосири манипулятсия дар амалияи коммуникатсияи сиёсӣ

Зербоби дуюми боби дуюм: Хусусияти таъсири коммуникатсияи сиёсӣ ба шуури ҷамъиятӣ ва аҳамияти он дар идоракунии сиёсӣ

**Боби III. Вазъ ва дурнамои таъсири коммуникатсияи сиёсӣ дар раванди идоракунии сиёсии Тоҷикистон**

Зербоби якуми боби сеюм: Ҳамкориҳои коммуникатсионии субъектони ҳаёти сиёсӣ ва таъсири он ба раванди сиёсӣ дар Тоҷикистон

Зербоби дуюми боби сеюм: Вазъият ва нерӯи таъсири интернет–ҳамкориҳои коммуникатсионии субъектони ҳаёти сиёсӣ

Аз нуктаҳои барҷастаи сохтор ва тартиби илмию мантиқии диссертатсия ба ин масъала ишора намудан мумкин аст, ки муҳаққиқ талош варзидааст, заминаҳо ва решаҳои алоқамандии мафҳуми коммуникатсияи сиёсиро бо масъалаи идоракунии сиёсии ҷомеа дар якҷоягӣ ва дар иртиботи бо ҳамдигар мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, таъкид менамояд, ки ҳар тағйирот ва дигаргуниҳое, ки дар раванди идоракунии сиёсии ҷомеа рух медиҳад, аз диди шабакаҳои иҷтимоӣ ва равандҳои коммуникатсионии сиёсию иҷтимоӣ пушида ва пинҳон нахоҳад монд, ки ин нукта дар раванди идоракунии сиёсии ҷомеа бояд мавриди таваҷҷуҳ ва диққати ҳамагон қарор гирад.

Инчунин ишора намудан лозим аст, ки на танҳо муаллиф масъалаи мавриди таҳқиқро аз ҷонибҳои назариявию амалӣ таҳлил намудааст, балки онро дар равандҳои оянда ва дурнамои равобити сиёсию иҷтимоии ҳокимият ва мардуми ҳар ҷомеа низ баррасӣ намудааст.

Объекту предмети мавзуи кори имлӣ, мақсаду вазифаҳои дар пеши худ гузоштаи муаллиф, навгониҳои илмии диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва методологияи мантиқии таҳқиқоти илмӣ ба таври возеҳу муайян нишон дода шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ фикрҳои ҷолиб баён намуда, зимни баррасии натиҷаҳои илмии диссертатсия, тавсияҳоеро барои истифодаи амалии натиҷаҳои илмии рисола зикр кардааст.

Албатта дар баробари муваффақиятҳои мавҷудбуда дар раванди кори илмӣ, баъзе масъалаҳо аз назари диссертант берун мондаанд, ки таваҷҷуҳи бештар ба онҳо метавонист кори илмии диссертатсиониро аз назари илмию амалӣ пурбортар ва амиқтар намояд. Масалан:

- Дар автореферати диссертатсия таҳлили адабиёти бевосита ба мавзӯи мазкур бахшидашуда камтар таҳлил шудаанд, ки беҳтар мебуд онҳо зиёдтар мавриди таҳили илмӣ воқеъ мешуданд.
- Дар матни автореферат ва диссертатсия баъзан хатоҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки бо каме таваҷҷуҳи бештар қобили ислоҳ мебошанд.

Шоистаи таваҷҷуҳ аст, ки эродҳои мазкур аз арзиши илмию амалӣ ва мантиқии диссертатсия кам накарда, диссертатсияи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзӯи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа» пурра ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавоб гуфта метавонад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти
кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ______________Ҳукмишоев З. Д.

Имзои З. Д. Ҳукмишоевро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси
Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон ______________

30.05.2025

**Суроғаи муқарриз:**
734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел: (+992 - 37) 221- 62 – 25
E-mail: info@tnu.tj